# 5261 - Тавоноӣ дар ҳаҷ ба чӣ маъно аст?

**савол**

Тавоноӣ дар ҳаҷ ба чӣ маъно аст?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Мақсад аз тавоноӣ барои ҳаҷ ин аст, ки шахс бояд ҷисман солим бошад, васоили нақлиёт барои расидан ба хонаи Аллоҳ, аз қабили ҳавопаймо ё мошин ё ҳайвони саворӣ дошта бошад ва ё пули роҳкирои онро вобаста ба вазъияти худ дошта бошад, тӯшае дошта бошад, ки барои рафту омад кофӣ бошад, ба шарте, ки он аз хароҷоти шахсоне, ки нафақаи онҳо бар ӯҳдаи ӯст, бештар бошад ва он маблағ бояд то бозгашт аз ҳаҷ басанда бошад ва зан дар сафари ҳаҷ ё умра бояд шавҳар ё маҳраме дошта бошад.